# 109184 - Хидматгорзани кофирро ба ҳарам бурдан ҷоиз нест

**савол**

Хидматгорзани кофирро бо худ овардан ва ӯро ба ҳарам ворид сохтан чӣ ҳукм дорад? Агар шахс бо ҳамроҳии хидматгорзани кофир биёяд, чӣ бояд кард?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Чӣ гуна ӯ зани кофиреро ба Масҷиду-л-ҳаром мебарад, дар ҳоле ки Аллоҳ таъоло мефармояд:

فَلَا يَقْرَبُوا الْمَسْجِدَ الْحَرَامَ بَعْدَ عَامِهِمْ هَذَا التوبة/28

**«Пас, баъд аз ин сол набояд ба Масҷиду-л-ҳаром наздик шаванд».** (Сураи Тавба: 28).

Ин амал бар ӯ ҳаром аст ва агар фикр кунад, ки ӯ ба ин чиз маҷбур шудааст, ба ӯ мегӯяд: Мусулмон шав. Агар ӯ мусулмон шавад, ин ҳамон чизи талабшуда аст. Агар ӯ мусулмон нашавад, бояд бо ӯ бимонад ва ё ӯро ба сӯи хонаводааш бифиристад.

Аммо дар мавриди бо худ овардани хидматгорзани кофир ба Макка, ин амал ҷоиз нест. Аввал: Ин амал нофармонӣ ба Аллоҳ таъоло аст. Дуввум: Ин амал беэҳтиромӣ нисбати ҳарам мебошад. Бинобар ин, ӯ ва хидматгорзани кофир бармегарданд ва ё ин ки ӯро ба кишвараш мефиристад". Поёни сухан.

"Маҷмӯу фатово"-и Ибни Усаймин (23/433).

Барои дарёфти фоида ба ҷавоби саволи рақами (2192) нигаред.

Аллоҳ донотар аст.